# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ). – Душанбе, 2025. – 193 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ватанзода Шердил Ватан мавзуеро мавриди таҳқиқ карор додааст, ки ба омӯзиши хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) бахшида шудааст. Дар илми таърихнигории ватанӣ мавзуъҳои зиёде оид ба таърихи Тоҷикистон дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтаанд, аммо то ҳанӯз дар баробари ҳаллу фасл ва баррасии масоили назарию амалӣ дар илми таърихи ватанӣ, паҳлуҳои зиёди ҳалталаб боқӣ мондаанд.

Маврид ба зикр аст, ки Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз ҷиҳати миқёс, шумораи қурбониён, харобиҳо ва оқибатҳои фалокатбор, бузургтарин ва хунинтарин задухӯрди мусаллаҳона ба ҳисоб меравад. Ғалаба бар Германияи фашистӣ натиҷаи ҷоннисориҳо ва муборизаи беамони ҳамаи халқҳои собиқ Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ буд.

Аз ҶШС Тоҷикистон дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ зиёда аз 300 ҳазор нафар ба ҷабҳаҳои ҷангӣ сафарбар гардида буданд, ки мутаассифона, қариб 100 ҳазор нафар аз онҳо дар майдонҳои ҷанг ҷони худро аз даст доданд. Ин рақамҳо худ гувоҳ бар˚онанд, ки аҳолии Тоҷикистон низ дар ин ҷанги фоҷиабор саҳми арзанда дошта, баробари дигар миллатҳои шуравӣ барои дифои Ватан корнамоии зиёд нишон доданд. Қаҳрамониҳои он насл, ки дар сафи артиш ё дар ақибгоҳ – махсусан дар хоҷагии қишлоқ – ҷонфидоёна заҳмат кашида, барои таъмини артиш ва аҳолӣ бо озуқаворӣ ва дигар ашёҳои ба онҳо зарур шабонарӯзӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва саҳроҳои колхозӣ меҳнат кардаанд, ки ин қаҳрамонӣ ва шуҷоати онҳо ниёз ба таҳқиқ ва омӯзиш дорад.

Ба омӯзишу баррасӣ ва пажуҳиши хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945), ҳамон гунае ки ишора шуд, илми таърихи ватанӣ машғул буда, он яке аз бахшҳои илмҳои таърих маҳсуб меёбад. Биноан, унвонҷӯ тасмим гирифтааст, ки дар доираи ин кори диссертатсионӣ оид ба вазъи хоҷагии

қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) ибрози ақида намояд. Маҳз ҳамин ҷанбаи масъаларо ба назари эътибор гирифта, мавзуи диссертатсияи довталаби дараҷаи илмиро мубрам арзёбӣ менамоем.

Зеро, омӯзиши таҷрибаи таърихии саҳми меҳнаткашон ва нақши хоҷагии қишлоқ дар ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди эҳё ва инкишофи соҳаи кишоварзӣ дар замони муосир аҳаммияти бузурги илмӣ дорад.

Мубрамии мавзуи пажуҳишии мавриди назар боз бар он асос меёбад, ки дар тули мавҷудият ва рушду инкишофи илми таърих бори нахуст нақши хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар таъмини ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) мавриди таҳқиқу таҳлили ҳамаҷониба қарор мегирад. Зарурати таҳқиқи мавзуи мазкур низ дар ҳамин аст, ки дар шакли рисолаи илмӣ аз тарафи Ватанзода Шердил Ватан дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945)» омода гардад, ки айни замон саривақтӣ маҳсуб меёбад. Воқеан, дар омӯзиши масъалаи мавриди таҳқиқ, нақш ва саҳми муҳаққиқону таърихнигорони ватанӣ хеле арзишманд мебошад. Аз ҷумла, корҳои илмии муҳаққиқоне чун Сечкин Л., Масов Р., Қобилов А., Рустамов А., Усмонов Д., Турсунов А., Раҳмонов М., Усмонов У., Шокиров Б., Пак Н., Абулҳаев Р., Муҳторова Г., Шукуров М., Зикриёев Ф., Қараев Ф., Алимов Д., Ашрапова С., Бобохонов М., Зикриёева М., Ҳотамов Н., Раҳимов С., Саидасанов Ю., Абдуллоев М., Шарифов Д. ва дигарон дар рушду такомули илми таърих саҳми назаррас дошта, таҳқиқоти онҳо барои фаҳмиши амиқи паҳлуҳои гуногуни масъалаи мавриди назар ниҳоят муассир ва арзишманд мебошанд.

Манзури муҳаққиқону донишмандон намудану ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945)» андешаҳои болоро собит менамояд.

Ҳамзамон, диссертант аҳаммияти омӯзишии мавзуъро дар нуктаҳои зерин ифода намудааст:

**якум,** то имрӯз дар таърихнигории ватанӣ оид ба масъалаи ҳаёти хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом дода нашудааст ва диссертатсияи мазкур дар ин самт аввалин кӯшиш мебошад;

**дуюм,** таҳқиқ ва инъикос намудани қаҳрамонии сокинони вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ амри зарурӣ буда, он бояд дар хотири насли имрӯзу оянда пос дошта шавад;

**сеюм,** таҳқиқ ва инъикоси фаъолияти меҳнатӣ ва ҳаракатҳои ватандӯстонаи деҳқонони колхозӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва саҳми меҳнаткашони вилоят дар ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ муҳиммияти мавзуъро боз ҳам бештар мекунад;

**чорум,** омӯзиши таҷрибаи фаъолияти меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар шароити душвору вазнини замони ҷанг, метавонад дар муайян намудани роҳҳо ва усулҳои сафарбар кардани захираҳои дохилии истеҳсолӣ, истифодаи усулҳои гуногуни навоварӣ ва соният, таъсири танзими давлатӣ ба соҳаҳои алоҳидаи кишоварзӣ хизмат намояд;

**панҷум,** солҳои охир бо сабаби тағйир ёфтани мувозинати геосиёсии дунё баъди аз байн рафтани ИҶШС ва низоми сотсиалистии ҷаҳон аз ҷониби муаррихони Ғарб андешаҳои ғайриилмӣ пайдо шуда, онҳо нисбат ба шуҷоат ва қаҳрамониҳои халқҳои Шуравӣ, саҳми арзандаашон дар таъмини ғалаба бар фашизм дар Ҷанги дуюми ҷаҳон бо шубҳа менигаранд ва дар асарҳо ва мақолаҳои худ далелҳои аниқро рад намуда, кӯшиш менамоянд, ки саҳми асосии халқҳои Шуравиро дар ғалаба паст нишон диҳанд. Аз ин лиҳоз, ҳар як сарчашмаи нав, хусусан аз минтақаҳо, ноҳияҳои дурдаст, ҳаёти ҳамарӯзаи душвори ҳар як сокини Тоҷикистон бо факту далелҳо исботи таърихии воқеии ин ҷараён шуда метавонад.

Ҳамин тавр, диссертант мубрамияти мавзуи таҳқиқро дар муқаддимаи рисола хуб, фаҳмо ва бо нуктаҳои ҷолиб иброз намудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ масъалаи вазъи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо ҷалби доираи васеи адабиёту сарчашмаҳои мўътамад мавриди пажуҳиш ва баррасии таърихӣ қарор гирифта, натиҷаи омӯзишу пажуҳиш, таснифот ва баррасиву таҷзияи он дар асоси навгониҳои зерин рӯйи кор оварда шудааст: – вазъи рушди хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ таҳлил гардидааст; 1) дар ин пажуҳиш бори нахуст масъалаи хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳқиқи пурра қарор дода шуд; 2) чорабиниҳои давлатӣ оид ба пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ–техникии хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб таҳқиқ карда шудааст; 3) вазъи масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст; 4) шароити рушди парвариши зироатҳои техникӣ, аз қабили пахта, пилла ва вазъи соҳаи боғдорӣ дар шароити ҷанг нишон дода шудааст; 5) мубориза ю ҷонфидоии меҳнаткашони вилоят барои таъмин намудани эҳтиёҷоти ҷабҳа инъикос гардидааст; 6) нақш ва корнамоиҳои сокинони деҳот дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ нишон дода шудааст; 7) рушди ҳаёти маданӣ–маишии кишоварзони вилоят дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ муайян карда шудааст.

Нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҷолиб ва диққатҷалбкунанда буда, диссертант дар назди худ доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ вазифагузориҳо намудааст, то вижагиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилии хоҷагиҳои деҳотро дар шароити ҷангӣ таҳлил

намояд ва накши сокинони вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистонро дар таъмини ақибгоҳ ва ҷабҳаи ҷангӣ бо маҳсулоти зарурӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии муаррихони ватанию хориҷӣ истифода гардидаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулосаи диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, натиҷаи таҳлили амиқи сарчашмаҳои таърихӣ, таҷрибаҳои ҷудогонаи минтақавӣ ва таҳқиқоти назариявӣ мебошанд. Ҳар як банди хулоса ба паҳлуи мушаххаси масъалаи таҳқиқӣ – вазъ ва рушди хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ – бахшида шуда, муҳимтарин омилҳо ва равандҳои таъсиргузорро дар ин давра равшан месозад. Инчунин, бахши тавсияҳо, ки аз 7 банд иборат аст, муҳиммияти мавзуъро дар заминаи таърихнигорӣ ва омӯзиши таҷрибаи таърихии сокинони вилоят инъикос намуда, имкони истифодаи натиҷаҳои таҳқиқотро дар раванди таълиму тадрис ва таҳқиқоти минбаъда нишон медиҳад. Тавсияҳо бо назардошти таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шуда, ба дурнамои васеи мавзуи таҳқиқотӣ равона шудаанд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки нахустин бор ҷанбаҳои муҳимми рушди хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941–1945) мавриди таҳлили илмии муфассал қарор гирифтаанд. Таҳқиқоти мазкур имконият медиҳад, ки саҳми аҳолии деҳот, имконияту захираҳои кишоварзӣ ва тадбирҳои ҳукумат дар давраи ҷангӣ дар ин минтақа равшан гарданд. Ин пажуҳиш дарки амиқтари раванди таърихӣ ва нақши он дар таъмини ақибгоҳро дар шароити душвори ҷангӣ возеҳ месозад.

Натиҷаҳои амалии бадастомада дар таҳия ва коркарди дастурҳои таълимию китобҳои дарсии мансуб ба таърих, хондани курсу семинари махсус ва ҳамоишҳои илмӣ дар гурӯҳи ихтисосҳои равияҳои гуманитарӣ, махсусан, ихтисосҳои таърих дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат хоҳанд кард. Ҳамзамон, таҷрибаи таърихии иштироки меҳнаткашонро дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар соҳаҳои ҷомеа метавонанд дар шароити муосир ҳангоми идоракунии сиёсати иҷтимоии давлатӣ истифода намоянд, инчунин дар тарбияи ҳарбӣ–ватандӯстии наслҳои наврасу ҷавон ва ташаккули мавқеи шаҳрвандии ҳамватанони мо истифода шаванд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса,

тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва номгӯйи адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 193 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

**Таҳлили қисми муқаддамотӣ** ва тавсифи умумии рисола шаҳодат медиҳад, ки муаллиф муҳиммияти мавзуи таҳқиқотиро бо далелу асосҳои муътамад ва таҳлили амиқ ба таври муассир нишон додааст. Муқаддимаи диссертатсия бо назардошти талаботи ҷорӣ, ки аз бандҳои мубраммии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, робитаи таҳқиқ бо барномаҳою мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объект ва усули таҳқиқ, маводи истифодашуда дар диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқ, асосҳои назарии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ ва сохтори диссертатсия таркиб ёфтааст, мувофиқи талабот, пурмазмун ва фарогир таълиф гардидааст.

Боби аввали диссертатсия таҳти унвони **«Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ»** номгузорӣ шуда, дар он масъалаи мазкур аз ҷиҳати назариявӣ таҳлил ва мавриди баррасии амиқ қарор гирифтааст.

Зербоби якуми боби якум «**Рафт ва натиҷаи коллективонии хоҷагии деҳот дар вилоят»** ном дошта, дар он рафт ва натиҷаи ҷамъбастии коллективонии хоҷагии қишлоқ дар минтақаи Кӯлоб оварда шудааст.

Диссертант, пайгирона масъаларо омӯхта зикр менамояд, ки натиҷаи коллективонӣ дар вилояти Кӯлоб барои таъсиси заминаи моддию техникии кишоварзӣ, таъсис додани хоҷагиҳои калони коллективӣ, ки дар онҳо истифодаи технологияи мошинӣ имконпазир гардид, шароит ба вуҷуд овард.

Дар зербоби дуюми боби якум **«Вазъи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар арафаи ҷанг»** вазъи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Кӯлоб дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ баррасӣ гардидааст.

Диссертант менависад, ки· натиҷаи муҳимтарини фаъолияти меҳнатии колхозҳои мавҷудаи вилоят дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ, хусусан, истеҳсоли ғалла буд. Дар вилояти Кӯлоб ба истеҳсоли зироатҳои равғандиҳанда, аз қабили зағир, моҳсар ва сабзавоткорӣ низ аҳаммият медоданд.

Ҳамин тариқ, муаллиф дар боби аввал ба таври муфассал ҷараёни коллективонии хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлобро таҳлил намуда, нишон додааст, ки то 1 марти соли 1940 сатҳи коллективонӣ дар вилоят ба 98% расида буд. Дар нимаи дуюми солҳои 30-юм, сатҳи рушди техника ва технологияи кишоварзӣ такмил ёфта, истеҳсоли умумии маҳсулоти деҳқонӣ афзоиш ёфт. Дар натиҷа, меҳнаткашони вилояти Кӯлоб то арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ташаккули пойгоҳи устувори истеҳсолоти кишоварзӣ саҳми назаррас гузоштаанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Сафарбаркунии хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ»** номгузорӣ шуда, аз се зербоби бо ҳам алоқаманд иборат аст.

Дар зербоби якуми боби дуюм **«Чорабиниҳо оид ба пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ–техникии хоҷагии қишлоқ»** баррасӣ гардидааст.

Унвонҷӯ дар ин маврид қайд намудааст, ки бо оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои мудофиаи Ватан ва таъмини ҷабҳаҳо дар назди Ҳукумати ИҶШС масъалаи ниҳоят муҳимми пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ–техникии хоҷагии деҳот пеш омада, то 1–уми июни соли 1942 дар Кӯлоб 8 адад ПМТ фаъолият мекарданд.

Ҳамин тавр, новобаста ба он ки воридоти техникаи кишоварӣ бо оғози ҷанг ба ҷумҳурӣ, аз ҷумла, ба вилояти Кӯлоб кам гардида бошад ҳам, меҳнаткашони вилоят техникаҳои мавҷударо дуруст ва эҳтиёткорона нигоҳ дошта, истифода мебурданд.

Зербоби дуюми боби дуюми дисертатсия **«Масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ»** ном дорад.

Дар ин зербоб оид ба таъмин намудани соҳаи кишоварзии вилоят бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолкунанда таҳқиқот бурда шудааст. Муаллиф дар диссертатсия менависад, ки бо оғози ҷанг соҳаи кишоварзӣ бо мушкилоти зиёд рӯбарӯ гардид, зеро бисёре аз мардон ба фронт сафарбар шуда, деҳқонон ба душвориҳо дучор шуданд. Дар соли 1941 тибқи нақша 355 нафар мутахассиси хоҷагии қишлоқ ба ҷумҳурӣ ҷудо шуда, аз онҳо 64 нафар ба вилояти Кӯлоб фиристода шуданд. Бо вуҷуди ин, муассисаҳои таълимии кишоварзӣ дар ҷанг зарари ҷиддӣ диданд ва таълиму такмили кадрҳо суст шуд. Дар соли 1941 дар мактабҳои механизатсияи вилоят шумораи ҳозирин аз нақша хеле камтар буд. Бо вуҷуди мушкилот, соли 1942 вилоят дар тайёр кардани кадрҳои хоҷагии қишлоқ муваффақиятҳо дошт ва 1929 нафар мутахассис омода намуд. Ҳамзамон, Кумитаи халқии замин нақшаи тайёр кардани механизаторон ва техникадоронро таҳия кард, ҳарчанд иҷрои нақша пурра набуд. Дар солҳои ҷанг ба занон нақши калидӣ дода шуд ва ҳиссаи онҳо дар шумораи коргарон дар хоҷагии халқ аз 53 то 57%-ро ташкил медод.

Дар зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия **«Вазъи рушди соҳаҳои пахтакорӣ, пиллапарварӣ ва боғдорӣ дар шароити ҷанг»** ҳолати парвариши растаниҳои техникӣ ва боғдорӣ дар шароити ҷанг дар вилояти Кӯлоб баррасӣ шудааст.

Муаллифи рисола, дар натиҷаи омӯзиши зербоби мазкур зикр намудааст, ки бо оғози ҷанг, пахтакорон бо вуҷуди камбудии қувваи корӣ ва техника нақшаи истеҳсолотро содиқона иҷро карданд. Масалан, соли 1941 пахтасупорӣ 106,2% иҷро шуда, солҳои баъдӣ ҳам кӯшишҳо

идома ёфт. Пиллапарварӣ, соҳаи муҳимми хоҷагии деҳот, низ бо кумаки мақомот такмил ёфта, нақшаҳои супоридани пилла бо каме мушкилот иҷро мешуд. Ин пешравӣ ба баландшавии ҳосили кирмакпарварӣ мусоидат намуд.

Дар ҳамин замина, боғдорӣ ва токпарварӣ низ аҳаммияти калон пайдо карданд. Дар солҳои ҷанг масоҳати замини боғҳо васеъ гашта ва дуруст истифода мешуданд, ки барои таъмин намудани фронт бо маҳсулоти консервӣ муҳим буд. Аз соли 1942 боғдорони Кӯлоб дар майдонҳои нав ниҳол шинонида, соли 1944 ва 1945 истеҳсоли мева ва васеъшавии боғҳо ба таври назаррас афзуд. Афзоиши боғу токзор дар давраи ҷанг то 35% расид.

Зербоби сеюми боби дуюми диссертатсияро ҷамъбаст карда, муҳаққиқ ба чунин хулоса омадааст, ки ҳарчанд шароити ҷангӣ санҷишҳои сахт пеш оварда бошад ҳам, пахтакорон, пиллапарварон ва боғдорони вилояти Кӯлоб бо меҳнати фидокорона истеҳсолотро зиёд намуда, барои таъмини аҳолӣ ва фронт саҳми бузург гузоштанд.

Боби сеюми диссертатсия **«Саҳми кишоварзони вилояти Кӯлоб барои ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ»** ном дорад, сухан дар бораи нақши меҳнаткашони вилоят барои ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ меравад. Дар ин боб масъалаҳои таъмин намудани эҳтиёҷоти ҷабҳа бо маҳсулот, шуҷоату фидокории колхозчиён барои ба даст овардани маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳаёти маданӣ–маишии кишоварзони вилоят дар солҳои ҷанг мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

Дар зербоби якуми боби сеюм **«Муборизаи меҳнаткашони вилоят барои таъмин намудани эҳтиёҷоти ҷабҳа»** саҳми меҳнаткашони вилоят дар таъмин намудани ҷабҳа бо маҳсулот сухан меравад.

Диссертант менависад, ки аз рӯзҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ меҳнаткашони вилоят тамоми қувват ва неруи худро барои мағлуб кардани душман равона карда буданд. Дар ҶШС Тоҷикистон, аз ҷумла, дар вилояти Кӯлоб аз рӯзҳои аввали ҷанг дар ҳама нуқтаҳои аҳолинишин, дар колхозҳо ва совхозҳо барои сафарбар намудани тамоми захираҳои мавҷуда ҳамоишҳо ва маҷлисҳо аз ҷониби меҳнаткашон гузаронида мешуданд.

Унвонҷӯ дар ин зербоб саҳми меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар таъмини эҳтиёҷоти ҷабҳа дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро мавриди таҳлил қарор додааст. Диссертант менависад, ки аз рӯзҳои аввали ҷанг сокинони вилоят бо садоқат ва ватандӯстӣ тамоми неруи худро ба хизмати ақибгоҳ равона карда, дар баробари корҳои истеҳсолӣ, барои дастгирии Артиши Сурх саҳми назаррас гузоштанд.

Бо ибтикори Кумитаи иҷроияи Шурои депутатҳои меҳнаткашони вилоят аз охири моҳи июни соли 1941 сафарбаркунии умумии аҳолӣ оғоз ёфт. Зиёда аз 50 ҳазор нафар аз вилояти Кӯлоб ба ҷабҳа фиристода шуданд, ки дар набардҳои шадид ҷасорат нишон доданд.

Ташаббуси таъсиси Фонди мудофиа, ки пас аз нашри мақолае дар рӯзномаи «Правда» (29.06.1941) ба миён омад, аз ҷониби колхозчиёни вилояти Кӯлоб ва дигар қишрҳои аҳолӣ фаъолона дастгирӣ ёфт. Маблағҳои пулии ҷамъовардашуда барои сохтмони техникаи ҳарбӣ ва таъминоти моддиву маишии сарбозон истифода мешуданд. Танҳо дар соли 1942 ба Фонди сохтмони колоннаи танкии «Колхозчиёни Тоҷикистон» дар чанд рӯз беш аз 72 ҳазор сӯм ҷамъоварӣ гардид.

Дар нимсолаи аввали соли 1943 меҳнаткашон 12 157 пуд ғалла, зиёда аз 11 миллион сӯм маблағ ва облигатсияҳоро ба фронт фиристоданд. Ҳамчунин, барои сарбозон либосҳои гарми зимистона, масолеҳи зарурӣ ва дигар кумакҳо омода ва равон карда мешуданд, ки ноҳияҳои Фархор, Балҷувон ва Шурообод дар ин кор пешсаф буданд.

Зимни таҳлили зербоби мазкур маълум гардид, ки сокинони вилояти Кӯлоб бо ҳисси баланди ватандӯстӣ тамоми захираҳои моддиву маънавии худро ба фронт равона карда, аз ақибгоҳ нақши муассир дар пирӯзии ҷангӣ бозиданд.

Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия таҳти унвони **«Корнамоиҳои сокинони деҳот дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ»** сухан дар бораи қаҳрамониҳои сокинони деҳот ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ меравад.

Дар ин зербоб саҳми меҳнаткашони деҳоти вилояти Кӯлоб дар таъмини эҳтиёҷоти ҷабҳа тавассути истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ баррасӣ шудааст. Бино ба маълумоти пешниҳод кардаи диссертант истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ яке аз унсурҳои калидии дастгирии ақибгоҳ ва фронт ба ҳисоб мерафт.

Дар оғози ҷанг дар вилоят 739 колхоз фаъолият мекарданд, ки дар вусъат доданди истеҳсоли ғалладона, сабзавот ва дигар зироатҳо дар вилоят нақши ҳалкунанда гузоштанд. То соли 1942 майдони кишт аз 203 ҳазор гектар ба беш аз 242 ҳазор гектар расид, ки нишондиҳандаи саъйи муштарак ва сафарбаркунии захираҳо мебошад. Соли 1944 иҷрои нақшаи давлатии кишт дар вилоят 99,4% таъмин гардид.

Ҳамзамон, дар ин зербоб масъалаи вазъи соҳаи чорводорӣ низ мавриди пажуҳиш қарор ёфта, муаллифи рисола зикр менамояд, ки соҳаи мазкур дар ин давра рушд ёфта, саршумори чорвои калони шохдор, гӯсфанду буз, асп ва паранда ба таври назаррас афзуд. Дар вилоят садҳо фермаи ихтисосёфта фаъолият мекард, ки бо маҳсулоти чорво артишро таъмин менамуданд.

Дар маҷмуъ, меҳнаткашони деҳоти вилояти Кӯлоб дар шароити вазнини ҷангӣ бо талоши фидокорона тавонистанд артиш ва саноатро бо ғизо ва ашёи хоми зарурӣ таъмин намоянд. Ин фаъолияти корнамоёна намунаи барҷастаи меҳнати ватандӯстонаи ақибгоҳ маҳсуб меёбад. Ин қисмати пажуҳиши диссертатсия ҳамчун раванди тоза мавриди таваҷҷуҳи хос аст.

Зербоби сеюми боби сеюм **«Ҳаёти маданӣ–маишии кишоварзони вилоят дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ»** ном дорад.

Зербоби мазкур ба таҳлили вазъи маданӣ-маишии вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шудааст. Тибқи маълумоти пешниҳодшудаи муаллифи рисола, сарфи назар аз вазъияти душвори ҷанг, рушди соҳаҳои маориф ва фарҳанг дар вилоят бо маром идома дошт.

Унвонҷӯ дар рисола менависад, ки яке аз дастовардҳои муҳими давлат ва Ҳукумат дар ин давра барҳам додани бесаводӣ буд. Дар давраи ҷанг зиёда аз 50 ҳазор нафар хонандагони вилоят ба таълим фаро гирифта шуда, беш аз 26 ҳазор нафар мактабро бо муваффақият хатм намуданд. Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна, ятимхонаҳо, боғчаҳо ва мактаб-интернатҳо таъмин гардида, сатҳи донишазхудкунии хонандагон то 93,1% расид. Соли 1940 дар шаҳри Кӯлоб донишкадаи омӯзгорӣ ифтитоҳ ёфт, ки дар шароити ҷангӣ як падидаи назаррас маҳсуб мешавад.

Ҳамзамон, соҳаи фарҳанг низ ба воқеиятҳои замон мутобиқ гардонда шуд. Китобхонаҳо, осорхонаҳо, клубҳо ва қасрҳои фарҳанг барномаҳои тарбиявӣ ва ватандӯстона омода намуда, дар қисмҳои низомӣ, муассисаҳои тиббӣ ва корхонаҳо намоишҳои сиёсиву фарҳангӣ баргузор мекарданд. Адабиёти ҷангии тоҷик, аз ҷумла доираи адабии Кӯлоб, бо роҳи таблиғи арзишҳои озодӣ ва адолат бар зидди фашизм мубориза мебурд.

Ҳамин тавр, таҳлили ин зербоб нишон медиҳад, ки фаъолияти кормандони маориф ва фарҳанг дар вилояти Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба як унсури муҳимми муқовимати ҷамъиятӣ табдил ёфт. Кишоварзони вилояти Кӯлоб дар шароити ҷангӣ на танҳо вазифаҳои иқтисодиву меҳнатиро иҷро мекарданд, балки дар рушди маънавии ҷомеа низ саҳми назаррас доштанд. Ин таҷриба шаҳодати ҳамбастагии сиёсӣ, маънавӣ ва фарҳангии ҷомеа дар давраи мубориза барои озодӣ мебошад. Рушди устувори фарҳанги мардумӣ ва таълиму тарбияи насли наврас дар шароити ҷангӣ гувоҳи шуури баланди ватандӯстии кишоварзони минтақа мебошад.

**Хулосаи диссертатсияи** Ватанзода Шердил Ватан аз натиҷаи баҳсҳои илмӣ баромада, дарк ва зеҳнияти касбии муҳаққиқии ӯро нишон медиҳад. Дар хулоса натиҷаи пажуҳиш ба тариқи фишурда аз рӯйи натиҷагирии таҳқиқ оварда шуда, феҳристи адабиёт фарогири номгӯйи адабиёти зарурии илмиест, ки микдорашон ба 269 адад мерасад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну муҳтаво ва нуктаҳои асосии диссертатсияро дар 22 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 9 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Маводи

батабърасида муҳимтарин паҳлуҳо ва мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии диссертантро собит менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан ба талабот оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати дисертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ кори диссертатсионии мавриди таваҷҷуҳ аз баъзе нуқсону камбудиҳо низ иборат мебошад, ки ислоҳи онҳо дар таҳқиқи минбаъдаи он аз манфиат холӣ нест ва ислоҳи онҳоро зарурӣ меҳисобем:

1. Дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуи диссертатсионӣ номи муҳаққиқони алоҳидае, ки ба таҳқиқи масъалаи мазкур машғул шудаанд, зикр гардидааст. Аммо таҳлили муқоисавии ин рисола бо дигар рисолаҳо, ки ҳамдигарро тақвият мебахшанд кам ба назар мерасад, ки ин нуқс метавонад то андозае монеи дарёфти заминаи васеъ ва мукаммали таҳқиқоти мавриди назар гардад;

2. Ҷанбаҳои визуалӣ, аз ҷумла истифодаи ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва харитаҳои таҳлилӣ дар диссертатсия хеле кам аст, ки метавонад фаҳмиши дақиқи маълумоти омориро мушкил созад;

3. Диссертант дар асоси манобеи арзишманд мавзуи мавриди назарро таҳқиқ кардааст, аммо таҳлили муқоисавии ин раванд бо таҷрибаи дигар вилоятҳои Тоҷикистон кам ба назар мерасад;

4. Нақши занон дар хоҷагии қишлоқ дар замони ҷанг, ки дар шароити сафарбарии мардон ба фронт афзоиш ёфта буд, дар диссертатсия ба таври амиқ инъикос наёфтааст;

5. Дар баъзе мавридҳо мафҳумҳои калидӣ ба монанди “ақибгоҳ”, “фонди мудофиа” ва “иқтисоди ҳарбӣ” бе шарҳи муфассал истифода шудаанд. Ин метавонад дар фаҳмиши дақиқи муҳтавои матн монеа эҷод кунад;

6. Дар матни диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои зикргардида ислоҳпазир буда, чандтои он ҷанбаи тавсиявӣ доранд. Ислоҳи онҳо ҳангоми таҳия ва нашри монография арзиши илмии кори диссертатсиониро боло мебарад.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант доир ба мавзуи мавриди пажуҳиш ба табъ расонидааст, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро пурра фаро гирифтааст. Кори диссертатсионии мазкур ба доираи мавзуъ

ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) комилан мувофиқат менамоянд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмии кори диссертатсионӣ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ва ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, сохтор ва мазмуни диссертатсияи Ватанзода Шердил Ватан дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945)»-ро, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) пешниҳод гардидааст, кори анҷомёфта донистан мумкин аст, ки дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расидааст. Рисола ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои таърих,
мудири шуъбаи таърихи
навтарини Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи Аҳмади Дониши АМИТ Абдурашитов Ф.М.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 33
Тел: (+992) 935700205.
E-mail: fozil-62@mail.ru

Имзои Абдурашитов Ф.М.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти
таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи Аҳмади Дониши АМИТ Файзуллоева Г.Қ.

**Суроғаи муассиса:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
Тел: (+992-37) 221-37-42.
E-mail: institutitarih@gmail.com
«2» 07 соли 2025